Бо Қарори Раёсати Бонки миллии
Тоҷикистон тахти №314, аз 26.12. с. 2013
"тасдиқ шудааст"

## ДАСТУРАМАЛИ №204

## "ОИД БА ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛӢ АЗ ҶОНИБИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ БЕ КУШОДАНИ СУРАТҲИСОБИ БОНКӢ"

Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ" (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи қисми 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" ва моддаҳои 4 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" таҳия шуда, тартибу қоидаҳои аз ҷониби бонкҳои ваколатдор ва шахсони воқеӣ анҷом додани амалиёти интиқолиро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Дастурамал зери мафҳуми "амалиёти интиқолӣ" интиқоли маблағҳои пулӣ бо асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, гирифтани онҳо ва интиқоли асъор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо ва ғайрирезидентҳо) бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар назар дошта мешавад.

2. Шахсони воқеӣ амалиёти интиқолиро метавонанд тавассути низоми муносибатҳои муросилотии бонки ваколатдор (ташкилоти қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ амалиёт анҷом медиҳад) ва ё низомҳои минтақавию ҷаҳонии интиқоли пул дар воҳидҳои сохтории бонки ваколатдор анҷом диҳанд.

3. Воҳидҳои сохтории бонкҳои ваколатдор, ки дар он ҷо амалиёти интиқолӣ анҷом дода мешавад, инҳоянд: нуқтаҳои интиқоли пул, хазинаҳои амалиётӣ ва марказҳои хизматрасонии бонкӣ.

Воҳидҳои мазкур барои анҷом додани амалиёти интиқолӣ бояд ба меъёру талаботи муқарраркардаи Замимаи №1 Дастурамали мазкур ҷавобгӯ бошанд.

4. Бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ бояд нуқтаҳои интиқоли пул ва воҳидҳои сохтории худро бо маблағи кифояи асъори нақд ва пули миллии нақд таъмин намоянд.

Маблағҳои пулии нуқтаи интиқоли пулии берун аз қароргоҳи бонки ваколатдор (филиали вай) ҷойгирбуда бояд дар оғоз, давом ва анҷоми рӯзи корӣ тавассути хадамоти пулрасонии худӣ ё иҷоравӣ расонида шаванд.

Дастрасӣ ба маблағҳои пулии барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ зарурбуда тавассути кормандони нуқтаи интиқоли пул ва ё бо ягон тарзи дигар манъ аст.

5. Бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) бояд бехатарии фаъолияти нуқтаҳои интиқоли пул ва кормандони онро таъмин намоянд.

Кушодани нуқтаҳои интиқоли пул берун аз қароргоҳи бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) танҳо дар ҳолати мавҷуд будани хадамоти пулрасонии худӣ ва ё шартномаи басташудаи иҷораи ин хизматрасонӣ бо бонки ваколатдори дигар (филиали он) имконпазир аст.

6. Кормандони нуқтаҳои интиқоли пул – хазинадор, хазинадори калон, амалиётгар – нозир ва ё нозир кормандони сохтории бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) мебошанд. Бо шартҳои дигар киро кардани онҳо манъ аст.

7. Кормандони нуқтаҳои интиқоли пул бояд қоида ва тартиби гузаронидани амалиёти интиқолӣ ва мубодилавӣ, ҳисобдорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии онҳо, барасмиятдарории варақаҳои ҳисоботи махсусро дониста, барои муайянкунии аслият ва пардохтпазир будани асъор ва пули миллӣ, ташкил ва пешбурди ҳуҷҷатгузорӣ, нигоҳдории дороиҳо ва таъмини бехатарии онҳо донишу малака дошта бошанд.

8. Бонкҳои ваколатдор бояд тайёрии касбии кормандони нуқтаҳои интиқоли пулро тавассути шаклҳои гуногуни омӯзиш ва ё коромӯзӣ ташкил ва анҷом диҳанд.

Корманди нуқтаи интиқоли пул бидуни доштани ҳуҷҷати дахлдор (шаҳодатнома, тасдиқнома, диплом, гувоҳинома, маълумотнома ва ғ.), ки аз чунин тайёрӣ гузаштани ӯро тасдиқ мекунад, набояд ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ роҳ дода шавад.

Нусхаи тасдиқшудаи ҳуҷҷати мазкур бояд дар нуқтаи интиқоли пул нигоҳ дошта шавад.

Набудани он боиси аз ҷониби мақоми назоратӣ (Бонки миллии Тоҷикистон ва шуъбаҳои минтақавии он) муваққатан боздоштани фаъолияти ин нуқтаи интиқол мегардад.

9. Ба ҷои кори кормандони нуқтаи интиқоли пул даромадан ва дар он ҷой будани шахсони бегона, ба ғайр аз кормандони хадамоти пулрасонӣ, масъулони бонки ваколатдор (филиалҳои вай) ва ё кормандони масъули мақомоти назоратие, ки дар ин нуқтаи интиқол санҷиш мегузаронанд, манъ аст.

10. Масъулини бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) вазифадоранд, ки фаъолияти ҳар як нуқтаи интиқоли пулии зертобеъи худро на кам аз ду маротиба дар як сол санҷида бароянд.

11. Воҳидҳои дахлдори сохтории мақоми назоратӣ ҳуқуқ доранд, ки фаъолияти ҳар як нуқтаи интиқоли пулро бевосита ё бо иштироки намояндаҳои бонки ваколатдор (филиали вай) санҷанд.

12. Шахсони воқеӣ интиқоли асъорро аз хориҷа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бе маҳдудияти маблағ, хусусият ва таъиноти он бо риояи талаботи қонунгузории давлати хориҷӣ, гирифтани асъори интиқолшуда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол додани асъорро бо риояи талаботи қонунгузории миллӣ ва Дастурамали мазкур анҷом дода метавонанд.

13. Гирифтани асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолшуда ва аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол додани асъор аз ҷониби шахси воқеӣ (намояндаи вай) дар ҳолати ба бонки ваколатдор пешниҳод кардани шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият (шиносномаи умумишаҳрвандии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатномаи шахси бешаҳрванд, шаҳодатномаи гуреза, гувоҳномаи иқомат барои ғайрирезидент дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳодатномаи шахсии хизматчии ҳарбӣ), ариза ва ё супоришнома ва дигар ҳуҷҷатҳое, ки Дастурамали мазкур муқаррар кардааст, инчунин ваколатномаи намоянда ҳангоми аз ҷониби вай гирифтан ё анҷом додани интиқол сурат мегирад.

Дар ин ҳолат ваколатномаи намоянда бояд бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ ба расмият даровarда шуда бошад.

14. Шахсони воқеӣ (намояндагони онҳо) дар ариза барои гирифтани асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолшуда ва супоришномаи аз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хориҷа интиқол додани асъор бояд маълумоти зеринро дарҷ карда, чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намоянд:

а) номи хонаводагӣ, ном, номи падарӣ, нишонии пурраи ҷои воқеии истиқомат;

б) шиносномаи ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият;

в) ваколатномаи намоянда;

г) маблағ ва хусусияту таъиноти интиқол;

д) сана ва имзои шахсӣ.

Ба ғайр аз ин номгӯ, ҳангоми аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол додани асъор:

- маълумот ва санаду ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи манбаъ, хусусият ва таъиноти асъор;

- рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);

- шартнома, қарордод, аҳд, декларатсияи гумрукӣ, борхат ва ё дигар санади тасдиқкунандаи воридоти мол, кор ё хизматрасонӣ ва ё фаъолияти тиҷоратӣ, соҳибкорӣ.

15. Дар ҳолати пешниҳод кардани маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки ба талаботи банди 14 Дастурамали мазкур ҷавобгӯ нестанд, ё рад кардани пешниҳоди онҳо, бонки ваколатдор анҷом додани амалиёти интиқолиро рад менамояд.

16. Асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолшуда дар ҳолати риояи талаботи банди 14 бо хоҳиш ва интихоби шахси воқеӣ (намояндаи вай) аз ҷониби бонки ваколатдор метавонад:

а) дар шакли нақдӣ бо асъори интиқол дода шавад;

б) ба суратҳисоби бонкии вай ё шахси воқеии дигар бо асъори интиқол гузаронида шавад;

в) ба пули миллӣ мубодила ва ё ба асъори дигар табдил ва дар шакли нақдӣ дода шавад ва ё ба суратҳисоби бонкии вай ё шахси воқеии дигар гузаронида шавад.

17. Дар шакли нақдӣ додани асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолгардида аз ҷониби бонки ваколатдор бо варақаи ҳисоботдиҳии қатъӣ «Маълумотнома Ф. №377» (минбаъд - Шакли 377) ба расмият даровара мешавад.

Шакли 377 аз ду қисми комилан бо ҳам мутобиқи асл ва нусха иборат буда, аз коғази барои нусхабардорӣ мувофиқ тайёр карда шудааст. Ҳангоми ба расмият даровардани Шакли 377 дар як вақт нусхаи он низ пур мешавад. Нусхаи бо ранг пур ё ислоҳшуда эътибор надорад.

## БОБИ 2. АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ – РЕЗИДЕНТҲО

18. Интиқоли асъор аз хориҷа ба ном ва ба фоидаи шахсони воқеӣ - резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гирифтани он аз ҷониби онҳо бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

а) асъор аз хориҷа ба ном ва ба фоидаи резидент аз тамоми манбаъҳо, бе маҳдудияти маблағ, хусусият ва таъинот аз номи худи вай (намояндаи вай), аз номи резидент ва ғайрирезидентҳо – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дигар, тавассути бонкҳои ваколатдор ва низомҳои минтақавию ҷаҳонии интиқоли пулии дар давлати хориҷӣ амалкунанда метавонад интиқол дода шавад;

б) асъори аз хориҷа ба Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшуда ба резидент (намояндаи вай) бо шарти риояи талаботи банди 14 Дастурамали мазкур ва талаботи низоми интиқоли пулие, ки тавассути он ин асъор ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудааст, бо хоҳиш ва интихоби вай дар шакли нақди ё ғайринақдӣ дода мешавад;

в) ба резидент додани асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолшуда дар шакли нақдӣ ба маблағи ҳамарзиши то ба 70’000 (ҳафтод) ҳазор сомонӣ тибқи хоҳиши ин шахс ва маблағи ҳамарзиши аз 70’000 (ҳафтод) ҳазор сомонӣ зиёдбуда бояд ҳатман бо Шакли 377 ба расмият даровара шавад.

Дар баробари ин дар фасли “Аз муштарӣ гирифта шуд” дар сатри 7 “Маблағи умумӣ (бо ҳарф)”-и Шакли 377 қайди зерин “Аз хориҷа тавассути интиқол бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ворид шудааст” навишта мешавад;

г) асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа интиқолшуда, дар шакли ғайринақдӣ бо хоҳиши резидент (намояндаи вай) метавонад ба суратҳисоби бонкии ин шахс ва ё шахси воқеии дигар бо асъори интиқол ё бо асъори дигар ва ё бо пули миллӣ гузаронида шавад.

Асъор баъд аз табдил ва ё мубодила ба асъори дигар ва ё ба пули миллӣ ба суратҳисоби бонкӣ гузаронида мешавад ё дар шакли нақдӣ дода мешавад.

Бонки ваколатдор барои ҳар як воҳидҳои сохторие, ки ба амалиёти интиқолӣ машғул аст, бояд шароити анҷомдиҳии амалиёти табдил ва ё мубодилаи асъори интиқолшударо фароҳам оварад (маблағи зарурӣ бо пули миллӣ, қурби мубодилаи барои муштариён қобили қабул буда, ҳаққи хизмати табдил, воситаҳои электронии алоқа ва дигар).

Воҳидҳои сохтории бонки ваколатдор бояд ба муштариён тамоми иттилооти зарурӣ оид ба имконияти мубодила, табдил ва ё гузаронидани асъори интиқолшуда ба суратҳисоби бонкиро пешниҳод намоянд.

19. Интиқоли асъор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа аз ҷониби шахсони воқеӣ-резидентҳо (намояндаҳои онҳо) бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

а) резидентҳо (намояндаҳои онҳо) асъореро, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан аз хориҷа ворид, интиқол ё ирсол кардаанд, ба маблағи дар декларатсияи гумрукӣ ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи интиқол ё ирсоли онҳо нишондодашуда, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа бе таъиноти мушаххас интиқол дода метавонанд;

б) резидентҳо (намояндаҳои онҳо) метавонанд барои ҷуброни хароҷотҳои ҷории худ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқоли хусусии маблағи маҳдуди асъорро анҷом диҳанд.

Интиқоли асъор бо чунин хусусият ва таъинот ба маблағи ҳамарзиши то 28’000 (бисту ҳашт) ҳазор сомонӣ дар як рӯзи амалиётӣ тавассути воҳидҳои сохтории амалиёти интиқолиро анҷомдиҳандаи бонки ваколатдор имкон дорад;

в) резидентҳо (намояндаҳои онҳо) метавонанд маблағҳои асъории хусусияти иҷтимоӣ, ғайритиҷоратӣ доштаи зеринро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа, бо шарти риояи талаботи банди 14 Дастурамали мазкур ва бо дарназардошти меъёрҳои муқарраркардаи низомҳои интиқоли пулӣ интиқол диҳанд:

- маблағи музди меҳнат;

- кӯмакпулиҳо ва ёрӣ ба резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи ҳамарзиш то ба 28’000 (бисту ҳашт) ҳазор сомонӣ;

- нафақа, пардохти ҳаққи дохилшавӣ ва ҳаққи узвият ба ташкилотҳои ғайридавлатии байналхалқӣ, ки ғайрирезидент ҳастанд;

- ба манфиати ғайрирезидентҳо - созмондиҳандагони симпозиумҳои байналхалқӣ, конфаронсҳо, дигар вохӯриҳои байналмилалӣ ва ҳамчунин намоишгоҳҳои байналмилалӣ, ярмаркаҳо, мусобиқоти варзишӣ, дигар чорабиниҳои фарҳангии дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ гузаронидашаванда бо ширкати резидентҳо дар чорабиниҳои номбаршуда;

- ба ҳисоби пардохти ҳаққи суғуртаи (подоши суғуртаи) суғуртакунандагон - ғайрирезидентҳо новобаста аз манфиати суғурташаванда ва пардохти маблағҳои суғурта (ҷуброни суғурта) бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи суғурта;

- ба манфиати ғайрирезидентҳо барои пардохти арзиши обуна ба нашрияҳои даврии хориҷӣ;

- ба манфиати ғайрирезидентҳо барои пардохти ҳақи таҳсил ва табобати шахсони воқеӣ. Дар ин маврид пардохтро ҳар як резидент (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ), аз ҷумла резиденти барои таҳсил ва табобат хизматрасониро ба уҳда нагирифта, метавонад анҷом диҳад.

- ба манфиати ғайрирезидентҳо барои пардохти маблағи нафақа, алимент, кӯмакпулиҳои давлатӣ, иловапулиҳо ва ҷубронпулӣ, маблағҳои дар асоси санадҳои судӣ ва дигар мақомоти ваколатдор пардохтшуда, маблағҳои мерос ва маблағҳои аз фурӯши амволи мерос бадастомада ва ҳамчунин пардохтҳо барои супоридани хароҷотҳои мақомоти судӣ, нотариалӣ ва дигар мақомот (аз он ҷумла пардохти андоз, боҷ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ барои аз ҷониби мақомоти мазкур иҷро намудани уҳдадориҳои худ) мутобиқи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ;

- ба фоидаи ғайрирезидентҳое, ки фаъолияти асосии онҳо бо фурӯхтани мол дар савдои чакана (иҷрои корҳо, расонидани хизматҳои истеъмолӣ) ба шахсони воқеӣ дар хориҷи Ҷумҳурии

Тоҷикистон алоқаманд аст, ба ҳисоби пардохти арзиши моли (кори, хизматрасонии) аз онҳо харидашуда.

Ба ғайр аз ин номгӯ, резидентҳо метавонанд бе кушодани суратҳисоби бонкӣ асъорро ба хориҷа ба фоидаи шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои пардохти арзиши мол, кор ё хизматрасонии воридотии қабулшуда (анҷомдодашуда) ба маблағи ҳамарзиш то ба 500'000 (панҷсад) ҳазор сомонӣ интиқол диҳанд.

Бонки ваколатдор интиқоли мазкурро дар ҳолати аз ҷониби резидент иҷро кардани талаботи банди 14 Дастурамали мазкур ва риояи меъёрҳои низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм анҷом медиҳад.

## БОБИ 3. АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛИИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ-ҒАЙРИРЕЗИДЕНТҲО

20. Интиқоли асъор аз хориҷа ба ном ва ба фоидаи шахсони воқеӣ-ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гирифтани он аз ҷониби онҳо бо тартибе, ки барои резидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар банди 18 Дастурамал муқаррар шудааст, анҷом дода мешавад.

21. Интиқоли асъор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа аз ҷониби ғайрирезидентҳо (намояндаҳои онҳо) бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

а) ғайрирезидентҳо (намояндаи онҳо) асъореро, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қаблан аз хориҷа ворид, интиқол ё ирсол кардаанд, ба маблағи дар декларатсияи гумрукӣ ё ҳуҷҷати дигари тасдиққунандаи интиқол ё ирсоли онҳо нишондодашуда аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол дода метавонанд;

б) ғайрирезидентҳо (намояндаҳои онҳо) метавонанд асъори нақди хусусияти зерин доштаро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол диҳанд:

- аз суратҳисобҳои бонкии худашон, ки дар бонкҳои ваколатдор кушодаанд, гирифта бошанд;
- аз бозори дохилии асъор харида бошанд;
- аз фурӯши ҳуҷҷатҳои пардохтии бо асъор ифодаёфта аз бонки ваколатдор ба даст оварда бошанд;
- бо воситаи интиқол бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба номи онҳо воридшударо аз бонки ваколатдор гирифта бошанд;

Интиқоли асъор дар ин ҳолатҳо ҳангоми аз тарафи ғайрирезидентҳо пешниҳод намудани Шакли 377 ва дигар ҳуҷҷати тасдиққунанда, дар ҳудуди маблағи дар он нишондодашуда анҷом дода мешавад.

в) ғайрирезидентҳо (намояндаҳои онҳо) бо тартиб ва хусусияту таъиноти дар сархатҳои аз якум то нуҳуми зербанди "в" банди 19 Дастурамали мазкур муқарраршуда метавонанд асъорро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол диҳанд.

Ба ғайр аз ин, ғайрирезидентҳо метавонанд бе кушодани суратҳисоби бонкӣ маблағи асъории ҳамарзиш то ба 500'000 (панҷсад) ҳазор сомониро, ки аз фаъолияти тиҷоратию соҳибкорӣ ба даст овардаанд, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол диҳанд.

Бонки ваколатдор интиқоли мазкурро дар ҳолати аз ҷониби ғайрирезидент иҷро кардани талаботи банди 14 Дастурамали мазкур ва риояи меъёрҳои низоми муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм анҷом медиҳад.

## БОБИ 4. БАРАСМИЯТДАРОРИИ МАЪЛУМОТ ВА ҲУҶҶАТҲОИ МАРБУТ БА АНҶОМ ДОДАНИ АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛӢ

22. Бонкҳои ваколатдор маълумот ва ҳуҷҷатҳои ба амалиёти интиқоли шахсони воқеӣ вобастаро дар бастаи ҳуҷҷатҳои хазинавии рӯзи амалиётӣ бо тартиби муқарраршуда ҷой медиҳанд.

23. Бонкҳои ваколатдор ба шахсони воқеие, ки интиқоли асъорро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа муназзам (аз ду маротиба зиёд дар як моҳ ба воситаи як бонки ваколатдор) ё ба маблағи аз 70'000 (ҳафтод) ҳазор сомонӣ зиёд ё барои пардохти арзиши мол, кор, хизматрасонии воридотӣ ва ё интиқоли натиҷаҳои тиҷорату соҳибкорӣ анҷом медиҳанд, бояд "Парвандаи интиқоли асъор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон" (минбаъд-Парванда) кушоянд.

Дар Парванда нусхаи маълумот ва ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиёти интиқолӣ ва нусхаи дигар санадҳои аз ҷониби шахсони воқеӣ минбаъд пешниҳодшаванда нигоҳ дошта мешаванд.

Маълумот ва ҳуҷҷатҳои марбут ба амалиёти интиқолӣ, аз ҷумла Парвандаҳо бояд на камтар аз панҷ сол аз санаи анҷомдиҳӣ (кушодашавӣ) нигоҳ дошта шаванд.

## БОБИ 5. БАҲИСОБГИРИИ АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛӢ ВА ҲИСОБОТДИҲӢ ОИД БА ОНҲО

24. Бонкҳои ваколатдор амалиёти интиқолиро дар «Дафтари баҳисобгирии амалиёти интиқолӣ» (минбаъд «Дафтар») мутобиқи Замимаи № 2 Дастурамали мазкур ба ҳисоб мегиранд.

Ҳамаи амалиётҳои анҷомдода бояд дар рӯзи амалӣ гаштанашон дарҷ гарданд. Пешбурди Дафтар метавонад дар шакли электронӣ, ки он ҳар моҳ чоп ва дар шакли брошюра саҳифабандӣ мегардад, сурат гирад.

25. Бонкҳои ваколатдор ҳар моҳ (то санаи 5-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ меояд) ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои минтақавии вай) оид ба амалиётҳои интиқолӣ дар шакли Замимаи №3 Дастурамали мазкур ҳисобот пешниҳод менамоянд.

26. Бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) ҳар моҳ (то санаи 5 – уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ меояд) оид ба миқдори умумии воҳидҳои сохтории ба анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ машғулбуда дар шакли Замимаи №4 Дастурамали мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон (шӯъбаҳои минтақавии вай) ҳисобот пешниҳод менамоянд.

## БОБИ 6. МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ВАЙРОН КАРДАНИ ТАЛАБОТ

27. Таъмини иҷрои талаботи Дастурамали мазкур ба зиммаи шахсони воқеӣ ва масъулини бонкҳои ваколатдор гузошта шуда, назорати риояи онҳо аз ҷониби сохторҳои ваколатдори мақоми назоратӣ анҷом дода мешавад.

28. Дар ҳолати аз ҷониби шахсони воқеӣ ва бонкҳои ваколатдор риоя нагардидани талаботи Дастурамали мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузорӣ нисбат ба онҳо чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасониро татбиқ менамояд.

Замимаи №1 ба Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ"

**ТАЛАБОТ БА
ВОҲИДҲОИ СОХТОРИИ БОНКИ ВАКОЛАТДОР, КИ АМАЛИЁТИ ИНТИҚОЛӢ
АНҶОМ МЕДИҲАНД**

1. Бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ бо шахсони воқеӣ бояд ҷои махсуси муҷаҳҳазшудаи корӣ дошта бошанд. Чунин ҷой метавонад чун қоида дар нуқтаҳои интиқоли пул, инчунин дар хазинаи амалиётӣ ва ё дар марказҳои хизматрасонии бонкӣ воқеъ бошад.

Бонкҳои ваколатдор бо назардошти талабот ба амалиёти интиқолӣ, шароит ва имкониятҳо нуқтаҳои интиқоли пулро дар дохили бинои муассисаҳои худ ё дар ҷои дигар кушода метавонанд.

2. Нуқтаҳои интиқоли пул:

а) дар дохили биноҳои таъиноти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, истиқоматӣ дошта ва ё берун аз онҳо дар ҳуҷраҳои алоҳида ва ё ҳуҷраҳои махсус сохташудаи муҷаҳҳаз ҷойгир шуда, бояд шароиту имконияти мусоид ва бехатари анҷомдиҳии амалиёти интиқолиро барои кормандони нуқтаҳои интиқоли пул ва шахсони воқеӣ дошта бошанд;

б) масоҳати ҷойи нуқтаҳои интиқоли пул бояд на кам аз 5 метри мураббаъ бошад. Ҳамзамон ин масоҳат бояд барои таҷҳизонидани ҷойи кории алоҳидаи кормандони хизматрасон, ҷойи исту интизорӣ ва анҷомдиҳии мусоиду бехавфи амалиёти интиқолии шахсони воқеӣ (толори амалиётӣ) имконият фароҳам оварад.

Ҷойи кори кормандон бояд аз толори амалиётӣ бо девори махсус муҷаҳҳазшуда ҷудо бошад.

Дар қисмати болоии ин девор равзанаҳои махсус барои гуфтушунид, доду гирифти ҳуҷҷатҳо ва маблағҳои пулӣ ҷойгир мешаванд.

Равзанаҳо бояд мушоҳидаи аёнии вазъиятро дар толори амалиётӣ, бехатарии кормандон, бе душворӣ ба расмият даровардану анҷом додани амалиётро барои шахсони воқеӣ таъмин намоянд;

в) ҷойи кори кормандон ва толори амалиётӣ бояд ба меъёрҳои беҳдоштию эстетикӣ мувофиқ буда, бо мизу курсиҳои корӣ, таҷҳизоти пулшуморӣ ва муайянкунии аслияти пул, воситаҳои нигоҳдории дороиҳо (сандуқ ё ҷевони оҳанин), воситаҳои гуногуни алоқа ва дигар таҷҳизоти барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ зарурбуда таъмин бошанд;

г) бо мақсади таъмини бехатарии фаъолият, нуқтаҳои интиқоли пулии берун аз муассисаҳои бонкҳои ваколатдор ҷойгирбуда бояд бо васоити зидди сӯхтор, таҷҳизоти сабти наворе, ки ҳадди ақал имкониятҳои таҷҳизоти наворбардории дар нуқтаҳои мубодилаи асъор насбшавандаро дошта бошанд ва ё тавассути кироя бо муҳофизон таъмин карда шаванд.

3. Нуқтаи интиқоли пул бояд:

а) овеза бо забони давлатӣ бо дарҷи рақами бақайдгирӣ, нишонии аниқ ва тобеъияти он ба бонки ваколатдор (филиали он);

б) тахтаи иттилоотие, ки дар толори амалиётӣ дар ҷои назаррас овехта шуда, дорои санаду маълумоти зерин мебошад:

- реҷаи корӣ;
- иқтибосҳо аз Дастурамал бо тавзеҳоти тартибу қоидаҳои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ;
- номгӯи амалиётҳое, ки ин нуқтаи интиқол метавонад анҷом диҳад;
- ҳаққи хизматрасониҳои иловагие, ки вобаста ба анҷомдиҳии амалиётҳои интиқолӣ аз ҷониби бонки ваколатдор ё низоми интиқоли пул пешниҳод мешаванд;

- оид ба имкони бо хоҳиши шахси воқеӣ – гирандаи асъор маблағи интиқолшударо ба асъори дигар табдил ё ба пули миллӣ мубодила кардану ба суратҳисоби бонкӣ гузаронидан ва ё дар шакли нақдӣ гирифтани асъори дигар ё пули миллӣ;

- ҳаққи хизмати табдил ва қурби хариди асъори интиқолшуда;

- ному номи хонаводагӣ ва рақамҳои телефони шахсони масъуле, ки барои кори ин нуқтаи интиқол ҷавобгаранд;

- рақами телефонҳои воҳиди сохтории мақоми назоратӣ, ки фаъолияти нуқтаҳои интиқоли пулро назорат менамояд, дошта бошад.

Замимаи №2 ба Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ"

Дафтари баҳисобгирии амалиёти интиқолии шахсони воқеӣ дар

______________________________________

(номи бонки ваколатдор, филиали он)

| р/т | Номи хонаводагӣ, ном, номи падари шахси воқеӣ | Шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсият (ном, силсила, кай ва аз ҷониби кӣ дода шудааст) | Рамзи интиқол: А - аз Ҷумҳурии Тоҷикистон Б – ба Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рамзи асъор | Маблағи интиқол (бо воҳиди асъор) | Хусусият ва таъиноти амалиёт | Рақами мушаххаси андозсупор (РМА) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |
| | | | | | | | |

**Эзоҳ:**

**1. Дар сутуни 3 маълумот дар бораи ҳуҷҷати пешниҳодгардида оварда мешавад: ном, силсила, рақам, аз ҷониби кӣ ва кай дода шудааст.**

2. Дар сутуни 4 бо ҳарфи:

А – амалиёти қабули асъори нақд барои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол додани он;

Б – амалиёти бо асъори нақд (ғайринақдӣ) ё бо пулли миллӣ додани (гузаронидани) асъоре, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷа дар шакли ғайринақдӣ интиқол дода шудааст, ишора карда мешавад.

3. Дар сутуни 5 рамзи асъори интиқол мутобиқи таснифгари байналхалқӣ нишон дода мешавад.

4. Дар сутуни 7 хусусият ва таъиноти интиқол нишон дода мешавад.

5. Дар сутуни 8 РМА-и шахси воқеӣ барои аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол додани асъор нишон дода мешавад.

Замимаи №3 ба Дастурамали №204 "Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ"

Ҳисоботи ________________________________________
(номи бонки ваколатдор)
оид ба амалиётҳои интиқолие, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар моҳи ________ соли 20__ анҷом дода шудаанд.

бо ҳазор воҳиди асъор

| Номи амалиёт | Ном ва рамзи асъор | | |
|---|---|---|---|
| | Доллари ИМА | Евро | ………….. |
| | 840 | 978 | |
| 1 | 2 | 3 | 4 |

**Фасли 1. Амалиёте, ки бонки ваколатдор бо супориш ё бо аризаи шахсони воқеӣ-резидентҳо анҷом додааст.**

| | | | |
|---|---|---|---|
| **1.1.Интиқол ба хориҷа** | | | |
| **1.2. Гирифтани интиқол** | | | |

Фасли 2. Амалиёте, ки бонки ваколатдор бо супориш ё бо аризаи шахсони воқеӣ-ғайрирезидентҳо анҷом додааст.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **2.1.Интиқол ба хориҷа** | | | |
| **2.2. Гирифтани интиқол** | | | |

Роҳбар ___________________________________(ном, номи хонаводагӣ)
(имзо)
Сармуҳосиб ______________________________(ном, номи хонаводагӣ)
(имзо)
Иҷрокунанда ________________________ телефон, __________________E.mail__________
(ном, номи хонаводагӣ)

Замимаи №4 ба Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ”

Ҳисобот

оид ба миқдори воҳидҳои сохтории ба анҷомдиҳии амалиёти интиқоли машғулбудаи

_______________________________________________

(номи бонки ваколатдор)

то санаи _____ ___________ соли 20__

бо адад

| Маҳалли ҷойгиршавӣ | амалкунанда | дар давоми моҳи ҳисоботӣ | |
|---|---|---|---|
| | | кушодашуда | бастшуда |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| ш.Душанбе | | | |
| вил. Суғд | | | |
| вил. Хатлон | | | |
| Вил. Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | | | |
| Ноҳияҳои тобеи марказ | | | |
| Ҳамагӣ: | | | |

Эзоҳ: руйхати воҳидҳои сохтории ба анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ дар моҳи ҳисоботӣ машғулшуда бо зикри суроғаи ҷойгиршавии онҳо замима мегардад.